**ХУЛОСАИ**

**шурои диссертатсионии 6D.КОА-077 назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот.**

**Парвандаи аттестатсионии № ____________**
**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 30 октябри соли 2025, №102**

Барои сазовор донистани Комилҷонзода Фирдавс Комилҷон шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ.

Диссертатсияи Комилҷонзода Фирдавс Комилҷон дар мавзуи «Шароитҳои педагогии амалинамоии таълими ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ».

Аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот ба ҳимоя 22 августи соли 2025 қабул карда шуд, протоколи №86-ИҲ-и шурои диссертатсионии 6D.КОА-077 назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон (734024, шаҳри Душанбе, кӯчаи А. Адҳамов, 11/2; бо фармоиши КОА аз 06.09.2024, №321/шд таъсис ёфтааст).

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Комилҷонзода Фирдавс Комилҷон 19.09.1993 таваллуд шудааст.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ соли 2016 Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо ихтисоси математика (**дипломи ДТО №0236465**) хатм намудааст.

Фаъолияти меҳнатии Комилҷонзода Фирдавс Комилҷон аз соли 2016 то 2017 ба ҳайси омӯзгори кафедраи математика ва информатикаи Коллеҷи омӯзгории ба номи Хосият Махсумоваи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ оғоз ва идома ёфтааст.

Аз соли 2017 инҷониб фаъолияташро ба ҳайси омӯзгори кафедраи методикаи таҳсилоти ибтидоии факултети педагогикаки Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ идома бахшида истодааст.

Комилҷонзода Фирдавс Комилҷон солҳои 2020-2024 ҳамчун унвонҷӯйи кафедраи методикаи таҳсилоти ибтидоии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 –

Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (фармоиши қабул аз 11.11.2020, №588-ОД) корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ бурдааст.

Мавзуи кори диссертатсионии Комилҷонзода Фирдавс Комилҷон дар мавзуи «Шароитҳои педагогии амалинамоии таълими ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ», дар ҷаласаи шурои олимони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз 26.12.2020, №5/7.12 тасдиқ шудааст.

Диссертатсия дар Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ» иҷро шудааст.

Роҳбари илмӣ: Худоярзода Ҳусен Худояр – номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи методикаи таҳсилоти ибтидоии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

Муқарризони расмӣ:

Сатторов Абдурасул Эшбекович – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи алгебра ва геометрияи Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»;

Шехов Акбар Маҳмадиевич – номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи забонҳо бо курси иттилоотӣ - компютерии Донишкадаи таҳсилоти баъдидипломии кормандони соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Муассисаи пешбар: Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Данғара»

Дар хулосаи мусбат додашуда аз 22.09.2025, протоколи № 2, ки онро раиси ҷаласа, Ғафурова Дилором Ҷаборовна - номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири кафедраи педагогика ва психологияи Донишгоҳи давлатии Данғара, эксперти таҳқиқоти диссертатсионӣ, Наботов Ш.Ю. - номзади илмҳои педагогӣ, иҷрокунандаи вазифаи дотсенти Донишгоҳи давлатии Данғара ва котиби ҷаласа, номзади илмҳои педагогӣ, муаллими калони кафедраи педагогика ва психология Садирова Ҷ.Ш. имзо карда, ректори Донишгоҳи мазкур - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Хайрзода Ш.Қ. тасдиқ кардааст, ба диссертатсия дар умум баҳои мусбат дода, аз он ҷумла, иброз кардааст, ки «...диссертатсияи Комилҷонзода Фирдавс Комилҷон дар мавзуи «Шароитҳои педагогии амалинамоии таълими ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ» аз нигоҳи назарӣ ва амалӣ мубрам буда, натиҷаҳои он метавонанд дар такмили таълими ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ, дар омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ, рушди ҷаҳонбинии илмӣ, тафаккури техникӣ, инчунин, бо донишҳои

замонавӣ мусаллаҳ гардидани хонандагон дар раванди таълимии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ саҳми арзанда гузоранд.

Муаллиф таҳлили амиқи адабиёти илмӣ, таҳқиқоти мавҷуда дар соҳаи педагогикаро анҷом додааст. Ин таҳлил имкон додааст, ки ҷиҳатҳои омӯхташуда ва кам омӯхташудаи мавзуи дарназар муайян гардида, роҳҳои нави ҳалли мушкилот пешниҳод шаванд. Муаллиф тавонистааст, ки робитаи байни фанҳои таълимии синфҳои ибтидоӣ ва татбиқи онҳоро зимни ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ барои хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба таври возеҳ нишон диҳад. Хулосаҳо на танҳо ҷанбаҳои назариявии масъаларо дар бар мегиранд, балки ба проблемаҳои мушаххаси ворид намудани ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоро зимни ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ дар раванди таълиму тарбия тамаркуз мекунанд. Ин нишон медиҳад, ки хулосаҳо ба таври амалӣ қобили истифода мебошанд. Хулоса ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии таҳқиқоти диссертатсионии Комилҷонзода Фирдавс Комилҷон дар асоси таҳлили натиҷаи таҳқиқот назариявию амалӣ пешниҳод карда шудааст, ки аз саҳеҳӣ ва дурустии натиҷаҳои таҳқиқот шаҳодат медиҳад.

Дар маҷмуъ, навгонии илмӣ ва саҳеҳии натиҷаҳои бадастомадаи диссертатсияи Комилҷонзода Фирдавс Комилҷон дар он зоҳир мегардад, ки он масъалаи муҳимми рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маорифро дар заминаи таълими ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ аз дидгоҳи нави дидактикӣ мавриди таҳқиқ қарор дода, бо ин васила ба рушди илми педагогика ва амалияи таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ саҳми арзанда мегузорад.

Таҳқиқи диссертасионӣ аз ин ҷиҳат қобили дастгирӣ мебошад, ки он ба рушди таълими ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ таваҷҷӯҳ мекунад, ки ин гурӯҳи синнусолӣ барои ташаккули рушди тавакури математикӣ ва мантиқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ хеле муҳим аст. Таҳқиқоти мазкур на танҳо ба омӯзгорон кӯмак мекунад, балки барои сиёсати таҳсилотии давлат ва рушди иҷтимоии ҷомеа низ аҳамияти калон дорад.

Афзалиятҳои педагогии пешниҳодшуда дар диссертатсия метавонанд ба такмили усулҳои таълимӣ ва тарбиявии муассисаҳои таълимӣ мусоидат кунанд, ки ин боиси беҳтар шудани сифати таълимӣ хонандагон гардад.

Инчунин, натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд барои дигар муҳаққиқон, олимон ва сиёсатмадорон манбаи арзишманде бошанд, ки дар таҳияи стратегияи нави таълим ва тарбияи шаҳрвандӣ кумак расонанд.

Пешниҳодҳои амиқи муаллиф дар самти татбиқи усулҳои педагогӣ метавонанд роҳнамои муассисаҳои таълимӣ барои беҳтар кардани раванди таълим ва тарбия бошанд, ки ин ба рушди ҷомеа ва мустаҳкам кардани донишҳои математикии синфҳои ибтидоӣ кӯмак расонад.

Дар маҷмуъ, диссертатсия дар ҳамаи ҷанбаҳои болозикр муваффақ буда, мутобиқати комил бо талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро дорад.

Инчунин, қайд гардидааст, ки Комилҷонзода Фирдавс Комилҷон довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ 24 интишороти илмӣ, аз ҷумла, 6 номгӯй мақолаҳои илмии зерин оид ба мавзуи диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи аз ҷониби КОА-и назди Президентии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда ба табъ расидаанд, ки мазмуни асосии диссертатсияро инъикос мекунанд:

[1-М]. Буриев Ф.К. Моҳияти омӯзиши ҳалли масъалаҳои матнӣ дар раванди таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ. / ISSN 2074-1847. Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2021. №3. - С. 253-260.

[2-М]. Буриев Ф.К, Бегимов Ҳ.Х. Омӯзонидани ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ дар синфҳои ибтидоӣ. / ISSN 2074-1847. Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2022. №2. - С. 284-293.

[3-М]. Буриев Ф.К. Амалисозии мафҳуми ҳамгироии байнифаннӣ ва хусусиятҳои он дар раванди таълими математикаи хонандагони синфҳои ибтидоӣ. / ISSN 2617-5320. Паёми пажуҳишгоҳи рушди маориф. №1(41). – Душанбе, 2023. - С. 172-181.

[4-М]. Буриев Ф.К. Методҳои омӯзонидани масъалаҳои матнӣ дар дарсҳои математикаи синфҳои ибтидоӣ. / ISSN 2222-9809. Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. №4(54). –Душанбе, 2024. - С. 246-254.

[5-М]. Буриев Ф.К. Ташаккули салоҳиятҳои моделонии математикӣ дар раванди ҳалли масъалаҳои матнии хонандагони синфҳои ибтидоӣ. / ISSN 2074-1847. Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2024. №2. - С. 242-249.

[6-М]. Буриев Ф.К. Татбиқи омодагии математикии хонандагони синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли мустақилонаи масъалаҳои матнӣ. / ISSN 2074-1847. Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2025. №1. - С. 287-292.

Новобаста аз дастоварду муваффақиятҳо ва пешниҳодҳои ҳадафмандона диссертатсияи мазкур аз норасоиҳо ва ғалатҳое, ки хусусияти ҷузъӣ доранд, холӣ нест ва камбудиҳои ҷойдошта сифати баланди илмии диссертатсияро коста намегардонанд. Ба инобат гирифтани онҳо дар таҳқиқоти ояндаи унвонҷӯ самаранок арзёбӣ мегарданд:

1. Баъзе метод ва усулҳои таҳқиқот, ки дар диссертатсия истифода шудаанд, ба назари мо, наметавонанд дар амалияи таълими воқеӣ самаранокӣ нишон диҳанд. Илова кардани усулҳои нав ва озмоишии педагогӣ метавонад ба беҳтар шудани натиҷаҳо дар оянда кӯмак расонад.

2. Маълумотҳо дар баъзе ҳолатҳо нокифоя ва ба таври мукаммал тафсир шудаанд. Барои беҳтар кардани эътимоднокии натиҷаҳо, лозим аст, ки муаллиф дар оянда диққати бештар ба ҷамъоварӣ ва корбурди маълумот диҳад.

3. На дар ҳама ҳолатҳо муаллифи диссертатсия назар ва ақидаи муҳаққиқонеро, ки дар диссертатсия оварда шудаанд, аз дидгоҳи худ таҳлилу баррасӣ кардааст, ки ин метавонад барои такмили мазмун ва амиқ кардани таҳқиқот муфид арзёбӣ мешавад, зеро идора кардани баҳсҳо ва пешниҳоди назарҳо метавонад ба эътимоднокии натиҷаҳо ва хулосаҳое, ки ба даст меоянд, кӯмак расонад.

4. Дар матни диссертатсия ва автореферати он аҳёнан ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ ба назар вомехӯранд.

Ислоҳи нуқсу камбудиҳо ва такмили ҷанбаҳои закршуда метавонад ба муаллиф кӯмак расонад, то дар таҳқиқоти оянда натиҷаҳои беҳтар ва самараноктар ба даст орад ва барои амалинамоии таълими ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ дар ҷомеа муфид хоҳад буд.

Автореферати диссертатсия тибқи тартиби муқарраргардида барои дарёфтӣ дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот таҳия гардида, мазмуни асосии кори таҳқиқотиро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои назарраси илмӣ асоснок гардида, шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

Хулоса, диссертатсияи Комилҷонзода Фирдавс Комилҷон да мавзуи «Шароитҳои педагогии амалинамоии таълими ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад.

Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот сазовор аст.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи педагогика ва психологияи Донишгоҳи давлатии Данғара муҳокима ва тасдиқ карда шудааст (протоколи №2 аз 22.09.2025.)

Ба шурои диссертатсионӣ 4 тақриз ба автореферати диссертатсия ворид шудааст. Тақризҳоро шахсони зерин фиристодаанд:

1. Назаров Аҳтам Пулотович - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи технологияи рақамӣ ва амнияти кибери Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Тақриз мусбат мебошад. Муқарриз эрод надорад.

2. Ашурова Дилором - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи психологияи Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода.

Тақриз мусбат мебошад. Муқарриз эрод надорад.

3. Қурбонов Сулаймон Р. – номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи усулҳои таълими математика ва геометрияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Муқарриз эрод надорад.  Тақриз мусбат мебошад.

4. Шарипов Н.З. – номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи математикаи олӣ ва фанҳои табиатшиносии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.

Муқарриз эрод надорад.  Тақриз мусбат мебошад.

Муқарризони ба автореферат тақриз пешниҳоднамуда қайд мекунанд, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талабот ҷавобгӯ буда, довталаби дараҷаи илмӣ Комилҷонзода Фирдавс Комилҷон сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар дар асоси хулосаи комиссияи экспертӣ ва қарори шурои диссертатсионии 6D.КОА-077 аз 22 августи соли 2025,  №86-ИҲ, тибқи банди 61, Низомнома оид ба шурои диссертатсионӣ ва бандҳои 67, 69 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, асоснок гардидааст.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки** дар асоси таҳқиқоти анҷомдодаи унвонҷӯ корҳои зерин **иҷро шудаанд:**

- моҳият, мазмун ва сохтори таълими ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоӣ тибқи тамоюлҳои методологӣ **муайян ва асоснок карда шудааст;**

- самтҳои асосии робитаи байнифаннии таълими фанҳои синфҳои ибтидоӣ (забони модарӣ, табиатшиносӣ, санъат ва меҳнат) бо математика муқаррар **карда шудааст;**

- шароитҳои педагогии амалинамоии таълими ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ коркард **карда шудааст;**

- талаботу принсипҳои интихобу таҳияи масъалаҳои математикии матнӣ нигаронии таълими ҳамгирои фанҳои синфҳои ибтидоӣ муқаррар **карда шудааст;**

- сатҳ, меъёр ва нишондиҳандаҳои амалинамоии таълими ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ **ошкор карда шудааст.**

- самаранокии модели шароитҳои педагогии амалинамоии таълими ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ **таҳия ва санҷида шудааст;**

- тавассути озмоиши педагогӣ беҳдошти коркард оид ба амалинамоии таълими ҳамгирои фанҳои синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ **санҷида шудааст.**

**Аҳамияти назариявии таҳқиқ бо он асоснок карда шудааст, ки:**

- муқаррароту тавсияҳои назариявии дар диссертатсия ироа шуда ба методологияи муносибати системавӣ ва консепсияи илмии педагогиву психологӣ асоснок гардида, ба методҳои назариявӣ такя мекунад, ба таври васеъ мавриди таҳқиқоти минбаъда ва истифода **қарор гирифта метавонад;**

- хулоса ва пешниҳодҳое, ки дар асоси таҳлилу баррасии натиҷаҳои корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ оид ба шароитҳои педагогии амалинамоии таълими ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ ба даст омаданд, дар ҳалли масъалаҳои марбут ба баланд бардоштани сифати таҳсилоти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар ҷумҳурӣ мавриди истифода **қарор гирифта метавонад;**

- натиҷаҳои бадастомада метавонад ҳамчун заминаи мувофиқи иттилоотӣ барои таълифи монография ва дастурҳои таълимию методии ба мавзуъҳои таълими ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ, андозагириҳои педагогӣ, истифодаи усулҳои математикию оморӣ дар таҳқиқоти педагогӣ ва монанди инҳо мавриди истифода **қарор гирифта метавонад;**

- хулосаҳои назариявии таҳқиқот ва тавсияҳои амалии он дар фаъолияти сохторҳои дахлдори мақомоти ҳокимияти давлатӣ барои тарбияи

миллии насли наврасу ҷавон ва қишрҳои дигари ҷомеа мавриди истифода **қарор гирифта метавонад;**

- истифодаи методикаи таълими ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ коркардшуда ба баландбардории сатҳи натиҷабахшии таълими мактаббачагон, тағйир ёфтани муносибати онҳо ба таҳсил, инкишофи мақсаднок бо хусусиятҳои шахсӣ ва фитрӣ **мусоидат карда метавонад.**

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия,** чунин тасдиқ карда мешавад, ки:

- таҳияи тарзу воситаҳои ташхисӣ барои муайян ва таҳқиқ кардани самаранокии таълими ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоӣ **метавонад** дар таълиму тарбияи хонандагон зимни ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ ва талаботи онҳо ба худрушддиҳӣ дар шароити муосири муассисаҳои таълимӣ **кӯмак расонанд;**

- таҳияи тавсияҳо оид ба истифодаи амсилаи омӯзиши шароитҳои педагогии амалинамоии таълими ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ ба таври самаранок ташаккул додани онҳо **фароҳам меоварад**;

- озмоиш ва ҷорӣ намудани барномаи ҳамкориҳои самарабахш оид ба шароитҳои педагогии амалинамоии таълими ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ ва нақши он дар рушди педагогикаи миллии халқи тоҷик ба худҳавасмандсозӣ, худташкилкунӣ ва худрушддиҳии хонандагон **кӯмак мерасонад;**

- мавод ва натиҷаҳои таҳқиқотро дар амалияи кор бо омӯзгорони зинаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва дар такмили ихтисоси омӯзгорон **метавонанд** ба таври васеъ **мавриди истифода қарор бигиранд;**

- тавсияҳои илмию педагогии дар кори таҳқиқотӣ коркардшударо омӯзгорон **метавонанд** ҷиҳати баланд бардоштани самарабахшии кор ва сифати таълим **истифода баранд;**

- муҳтавои таҳқиқоти мазкурро ҳамчун курси махсус, барои бозомӯзии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ **метавон тадрис намуд;**

- натиҷаҳои таҳқиқот дар таҳияи барномаҳо, роҳнамо ва дастурҳои методӣ барои омӯзгорон ва воситаҳои таълимӣ барои муассисаҳои таҳсилоти умумӣ **ёрии амалӣ мерасонанд.**

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** нишон доданд, ки дараҷаи асоснокӣ ва дурустии илмиву назариявии таҳқиқоти диссертасионӣ,

корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ ва хулосаву тавсияҳои пешниҳодшударо бо асосҳои зерин собит месозанд:

- асоснокӣ ва эътимоднокии натиқаҳои таҳқиқот, асосҳои методологӣ ва назариявии таҳқиқот **таъмин карда шудаанд;**

- маҷмӯи усулҳои назариявӣ ва таҷрибавии таҳқиқотро, ки ба мавзуъ ва ҳадафҳои асосии таҳқиқот мувофиқанд **таъмин карда метавонанд;**

- интихоб ва таҳлили шароит ва натиҷаҳои таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишӣ **таъмин карда шудаанд;**

- тасдиқи қоидаҳое, ки дар фарзия ва ғояи таҳқиқот пешниҳод шудаанд, **исбот карда шудааст;**

- таҳлилу арзёбӣ ва ҷамъбасти натиҷаҳои дар раванди таҳқиқот ва корҳои озмоишӣ бадастомада, **коркард ва самаранокии онҳо исбот карда шудааст;**

- муътамад будани натиҷаҳои ноилшуда ва таҷрибаи амалии фаъолияти касбии муаллифи диссертатсия **асос ёфтанд;**

- истифодаи методҳои такмилдиҳандаи якдигар, мақсадҳои комилан мувофиқ, вазифаҳо ва мавзуи таҳқиқот, тасдиқи натиҷаҳои таҳқиқот тавассути методҳои оморӣ ва таҳлил **ба даст омадаанд;**

- иштироки бевоситаи муаллиф дар фаъолияти касбии омӯзгорӣ, илмӣ-методӣ, таҳқиқотӣ ва ташкили он дар пойгоҳи озмоишӣ **таъмин карда шудаанд.**

- муқаррароти дар таҳқиқот пешниҳодшуда бо нукоти назариявӣ ва методологӣ, асоснокӣ ва комилан мувофиқ будан бо масъала ва предмети таҳқиқот мувофиқ буда, баланд бардоштани самаранокии таълими ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ дар муҳити муосири муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ аз бисёр ҷиҳатҳо **таъмин карда метавонанд;**

- натиҷаҳои таҳқиқот бо кори озмоишӣ, таҷрибаи шахсии педагогии муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ тасдиқ карда шуда, натиҷаҳои ташхису санҷиш ба муқоисаи маълумоти дар ҷараёни корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ бадастомада (то озмоиш ва баъди озмоиш) **асос ёфтанд;**

- **натиҷаҳои таҳқиқот** дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ, мизҳои мудаввару семинарҳои илмиву методӣ ва омӯзишӣ ва ғ. **ироа, тасвиб ва баррасӣ шудаанд**.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар ба амал баровардани фаъолиятҳои зерини илмӣ-таҳқиқотӣ таҷассум меёбад:**

- **дар иштироки бевосита**и муалиф дар тамоми марҳилаҳои таҳқиқот ва таҳлили ҳамаҷонибаи мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ;

**- дар ҷамъоварии мавод ва таҳлили амиқи** адабиёти илмӣ, таҳлил ва шарҳу тафсири маълумоти дарёфтшуда оид ба масъалаҳои мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ, коркарди мушоҳида ва таҷрибаву озмоиш бо зикри натиҷаҳои ноилшуда;

**- дар банақшагирии дурусту мувофиқи таҳқиқоти назариявӣ ва озмоишӣ, таҳлили миқдорӣ ва сифатии** маводу натиҷаҳои дар ҷараёни корҳои озмоишӣ бадастомада;

**- дар истифодаи маҷмуи зиёди методу воситаҳои таҳқиқотӣ** вобаста ба мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот;

**- дар таҳияи воситаҳои ташхис** барои муайян кардани сатҳи самаранокии таълими ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ;

**- дар ташкил ва баргузор кардани таҳқиқоти озмоишӣ**, тасдиқи амалии муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда дар раванди озмоиш, таҳлили натиҷаҳо ва коркарди маълумот;

**- дар коркард ва мавриди озмоиш қарор додани** барномаи таълими ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ;

**- дар таҳия ва нашри мақолаҳои илмӣ ва тавсияҳои методӣ**, иштирок дар чорабиниҳои илмӣ ва ироаи натиҷаҳои таҳқиқот, ҷаъбасти натиҷаҳои бадастомада ва коркарди таҳқиқоти диссертатсионӣ.

Дар маҷлис аз 30 октябри соли 2025, №102 шурои диссертатсионӣ қарор кард, ки Комилҷонзода Фирдавс Комилҷон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот сазовор дониста шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 10 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла 5 нафар доктор аз рӯйи ихтисоси самти диссертатсия баррасишаванда. Овоз доданд:

тарафдор – 9 нафар, муқобили – 1, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои педагогӣ — Сафаров Шодӣ Асомуродович

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои педагогӣ — Муҳиддинзода Баҳриддин

Санаи барасмиятдарории хулоса: 30.10.2025